Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036-и
назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
(734019, ш. Душанбе, к. Ф. Муҳаммадиев 17/6)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Шоназаров Зарбахтҷон Музаффарович дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии вожаҳои бемуодил дар забонҳои фаронсавӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ ва тарҷума (бар мабнои романи Густав Флобер «Madame Bovary» - «Хонум Боварӣ»)» барон дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 — Забоншиносӣ (6D021302 — Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар муддати начандон тулонии даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон дар радифи паҳлуҳои гуногуни ҷомеа тарҷумашиносӣ низ сифатан тағйир пазируфт ва ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардид. Феълан, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси узви комилҳуқуқи ҷомеаи байналмилалӣ бо зиёда аз 200 кишвари ҷаҳон, хусусан, бо Фаронса робитаҳои мустақими дипломатӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ, гуманитарӣ-фарҳангӣ ва ғайраро ба роҳ мондааст, таҳқиқу баррасии масъалаҳои муқоиса ва тарҷумаи воҳидҳои забон дар мисоли забонҳои фаронсавӣ ва тоҷикӣ аҳамияти хоса касб менамояд ва, аз ин лиҳоз, забонҳои мавриди назар ба пажӯҳишҳои доманадор ва гуногунҷанба ниёз доранд. Ба ин васила, имкон фароҳам меояд, ки муштаракот ва мушаххасоти забонҳои мазкур дар ҳолати кунунӣ ҳамаҷониба таҳқиқ ва муайян карда шаванд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқ дар он дида мешавад, ки натиҷаҳои назариявии бадастомадаи диссертатсияро метавон барои рушди забошиносии муқоисавӣ, омӯзиши забонҳои тоҷикӣ, фаронсавӣ ва англисӣ ва инчунин, пажуҳишҳои муқоисавии забонҳо истифода кард. Онҳоро, ҳамчунин, дар дарсҳои назариявӣ ва амалии факултетҳои тарҷумонӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Маводди диссертатсияро барои ҳалли масъалаҳои муҳимми назариявии таълими забонҳои тоҷикӣ, фаронсавӣ ва англисӣ истифода бурдан мумкин аст. Ҳамчунин, натиҷаҳои диссертатсия барои таҳқиқоти минбаъдаи

қисматҳои марбутаи забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ ва, ҳамчунин, ҳалли масъалаҳои назариявии онҳо метавон мавриди корбурд қарор дод.

Аҳамияти амалии таҳқиқи диссертатсияи мавриди назар дар он зоҳир мегардад, ки тарзу воситаҳои хоси таҳқиқи муқоисавии мавзуи мазкур метавонад дар раванди омӯзиши бахши луғат ва дастури забонҳо ҳамчун маводди муфиди амалӣ дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ мавриди истифода қарор гиранд. Аҳамияти амалии таҳқиқ боз ҳам дар он аст, ки қолабҳову намунаҳои таҳлил метавонад ҳангоми таҳқиқи воҳидҳои монанд дар мисоли забонҳои дигар, таҳияи дастурҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ низ мавриди истифодаи амалӣ қарор гиранд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар рафти таҳқиқ дар он дида мешавад, ки мавзуи таҳлили муқоисавии вожаҳои бемуодили забонро дар доираи илми забоншиносии муқоисавӣ, дар маводди забонҳои фаронсавӣ ва тоҷикӣ бо ҷалби маводди забони англисӣ аз ҷониби муаллиф бори нахуст ба таври фарогир мавриди пажуҳиш қарор гирифта, муаллиф дар ин самт муваффақ гашта, ба натиҷаҳои чашмдошт ноил шудааст.

Диссерататсияи аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи адабиёт, замима ва 184 саҳифаи чопӣ иборат мебошад.

Муқаддимаи кори таҳкиқотӣ бандҳои муҳими таҳқиқотро дар бар мегирад.

Мавод ва нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои сатҳҳои гуногун дар давраи солҳои 2020-2023 мавриди баррасӣ қарор гирифта, натиҷаҳои он дар ҳаҷми 8 мақола дар маҷаллаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Диссертатсия мазкур аз ҷиҳати илмӣ хеле дақиқ ва пурмазмун таълиф гардидааст, вале ба ин нигоҳ накарда, дар автореферати мазкур чанде норасоиҳо ба назар мерасанд:

1. Агар дар автореферат муаллиф мисолҳоро бештар меовард, кор боз ранги дигар мегирифт.

2. Дар автореферат хатогихрои имлоиву техникӣ ба чашм мерасанд.

Бояд тазаккур дод, ки автореферати диссертатсияи Шоназаров Зарбахтҷон Музаффарович дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии вожаҳои бемуодил дар забонҳои фаронсавӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ ва тарҷума (бар мабнои романи Густав Флобер «Madame Bovary» - «Хонум Боварӣ»)» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби до дани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз

30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор мебошад.

Муқарриз: номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забонҳои хориҷии
Академия идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Азизова Мастона Ҳамидовна

Имзои дотсент М. Азизоваро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси АИДНПҶТ Ҳамидов Шохрух Бозорович

«30» ноябри соли 2023

**Суроға:** 734003 ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33
Тел.: (992 37) 224-17-86; Сомона: www.apa.tj
Телефон: 92-888-32 32; E-mail:: mastonakhon_12@mail.ru.